**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.**
**Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ). (Душанбе, 2024. – 28 саҳ.).**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди оила ҳамчун институти муҳимми ташаккулдиҳандаи шахс таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Миллати тоҷик мактаби бузурги худро дар ташкили оила ва муносибатҳои байни аъзои оила дошта, дар тарбияи фарзанди солим, бомаърифату ватандӯст ҳамчун як ҷузъи асосии ҷамъият нақши калидӣ мебозад. Дар рушду таҳаввул ва тарбияву хушбахтии инсонӣ оила масъалаҳои муқаддасу масъулиятнокро ба уҳда дорад. Дар ин макони муқаддас арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз як насл ба насли дигар мегузаранд. Оила ва оиладорӣ дар ҳаёти инсон чизи аз ҳама муҳим ба ҳисоб меравад, зеро бе оилаи солим шахс ба қуллаҳои баланди мақсадҳои худ расида наметавонад. Оилаи устувор ниҳоди муҳими пешбарандаи ҷамъият аст. Аз ин рӯ, мустаҳкамии оила дар инкишофи насли наврас ҳамчун узви ҷомеа таъсири назаррас мерасонад.

Лозим ба ёдоварист, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба мустаҳкамии институти оила таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, дар ин самт чораҳои дахлдор меандешанд. «Соли оила» эълон намудани соли 2015 яке аз иқдомҳои муҳиму хирадмандона дар ин самт буд.

Мутобиқи моддаи 33-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, «Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад». Барои бунёд ва рушди ҷомеаи демократию шаҳрвандӣ ҳимоя ва ташаккули ниҳоди оила ба унвони ячейкаи хурдтарини давлат амри зарурӣ ва қобили дастгирӣ ба шумор меравад. Бешубҳа, таҳқиқоти анҷомдодаи Одинаев Б.А. дар таҳкими оилаи муосир ва солимии муносибатҳои оилавӣ метавонад судманд бошад, зеро он оид ба яке аз масъалаҳои авлавиятдор бахшида шуда, гуфтаҳои боло аз мубрамияти он дарак медиҳанд.

Таҳлилу хулосабарориҳои муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки сохтори диссертатсия ба ҳамаи талаботҳои пешниҳодшуда барои диссертатсияҳои доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддимаи кор мубрамияти мавзуи таҳқиқшаванда, сатҳи пажӯҳиши мавзуъ, навоварии илмии он асоснок шуда, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аҳамиятнокии назариявӣ ва амалии таҳқиқот ошкор карда шуда, нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда баён гардидаанд.

Боби аввал **«Институти оила дар зардуштия»** номгузорӣ шуда, дар он масъалаҳои заминаҳои иҷтимоии ташаккули институти оила дар зардуштия, таълимоти зардуштия дар бораи оила ва таҳаввули институти оила дар зардуштия, дар доираи се зербоб баррасӣ гардидаанд. Дар рисола таъкид шудааст, ки аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, ки зардуштиён барои ташаккули институти оила ҳамчун ниҳод ва пойдевори ҷомеа диққати махсус зоҳир менамудаанд.

Боби дуюм бошад, **«Таълимоти ислом дар бораи институти оила»** унвон гирифта, фарогири масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули институти оила дар ислом, таълимоти он оид ба низоми оиладорӣ ва таҳлили муқоисавии институти оила дар зардуштия ва ислом мебошад. Диссертант иброз намудааст, ки таваҷҷуҳ ба пайдоиши инсоният ва таърихи инсоният ҳамеша бо таваҷҷуҳ ба издивоҷ, оила ва хешутаборӣ

ҳамчун шаклҳои мушаххаси зиндагӣ, ҳифз ва навсозии ҳаёти наслҳо ҳамроҳ аст.

Аз таҳлили амиқ ва баррасии ҳамаҷонибаи масъалаҳои дар автореферат зикргардида ба хулосае омадан мумкин аст, ки сохтори таҳқиқот пай дар пай ва бо риояи мантиқи илмӣ тахия гардидааст. Автореферати диссертатсия ҳамаи талаботҳои ҷойдоштаро дар худ ғунҷонида, натиҷаҳои пурра ва босамари таҳқиқотро ифода намудааст. Бешубҳа, метавон зикр намуд, ки натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда барои илми диншиносӣ ва умуман, фалсафа аҳамияти калони назариявию амалиро соҳибанд.

Аз моҳияти интишороти муаллиф, ки 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст, бармеояд, ки муҳаққиқ паҳлӯҳои гуногуни масъалаи институти оила дар зардуштия ва исломро ҷиддан омӯхта, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ба чоп расонидааст. Натиҷаҳои таҳқиқҳои илмии муаллиф дар 3 конференсияи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ироа гардидаанд, ки гувоҳӣ аз масъулияти муаррифии илми диншиносии ватанӣ дар сатҳҳои гуногун аз ҷониби диссертант мебошад.

Таҳлили автореферати диссертатсияи Одинаев Б.А. дарак медиҳад, ки рисолаи илмӣ дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ, диншиносӣ ва ғайра анҷом дода шуда, дар натиҷа роҳҳои таҳкими унсурҳои институти оила пешбинӣ гардидаст.

Аз мазмуну муҳтавои автореферати мазкур бармеояд, ки муаллиф то ҳадди зарурӣ масъалаҳои дар наздаш гузошташударо ҳал намудааст, вале дар баробари муваффақиятҳои зиёд, инчунин ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баҳснок ва посухталаб мебошанд:

1. Дар саҳ. 3, 12 ва 26-и автореферат калимаи ихтисоршуда ба назар мерасад, вале, муаллиф на дар мундариҷаи диссертатсия ва на дар қисмати охири автореферат «номгӯи ихтисораҳо»-ро наовардааст.

2. Дар натиҷаи таҳқиқи таълимоти зардуштӣ оид ба институти оила муаллиф қайд мекунад, ки яке аз шартҳои бастани акди никоҳ ин мавҷудияти шоҳидон мебошад. Инчунин, бо иқтибос ишора шудааст, ки зардуштиён шумора ва ному насаби шоҳидонро муайян намуда, дар санади акди никоҳ нишон медоданд (саҳ. 56). Аммо, муаллиф ишора накардааст, ки дар таълимоти зардуштӣ шумораи шоҳидон дар акди никоҳ чанд нафар ва аз кадом тараф бояд бошанд.

Аммо камбудиҳои зикргардида ҳангоми баҳодиҳии мусбати автореферати таҳқиқоти диссертатсионӣ аҳамияти илмии диссертатсияро коҳиш надода, хусусияти тавсиявӣ доранд. Диссертатсия кори ба анҷомрасида ҳисобида мешавад.

Дар маҷмуъ, аз таҳлилу баррасии автореферати мазкур ба хулосае омадан мумкин аст, ки Одинаев Баҳодур Абдуҷаборович ҳангоми навиштани рисолаи илмӣ дар мавзуи «Институти оила дар зардуштия ва ислом: таҳқиқоти таърихӣ-диншиносӣ» қобилияти баланди эҷодкорӣ нишон додааст. Автореферати диссертатсия ва дастгоҳи илмии таҳқиқот ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020600 – Диншиносӣ (6D020601 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
доктори илмҳои фалсафа, профессор,
муовини директори Институти фалсафа,
сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик
А.М. Баҳоваддинови АМИТ **Зиёӣ Х.М.**

**Суроғаи муқарриз:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33.
Тел.: (+992) 904260863
Почтаи эл.: kziyoev@yandex.ru

**Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессор Зиёӣ Х.М.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони Шуъбаи
кадрҳои ИФСҲ-и АМИТ **Абдураҳмонзода Б.А.**

18 марти соли 2024